*“Тоҷикистони советӣ”*,
***1966, 10 июн, саҳ. 3.***

# СУРУДИ ДИЛИ БАРНО

Тоҷикистон ҳоло бисёр ҳофизони хушовоз дорад, ки номашон на танҳо дар республика, балки берун аз ҳудуди он низ овоза пайдо кардааст. Яке аз инҳо артисткаи хизматнишондодаи республика Барно Исҳокова мебошад.

Агар овози форами Барно ба гӯш расад, чашмаҳои мусаффои кишвари азиз ба пеши назар меояд. Кас чашмаҳои Тоҷикистонро бинад, гуё савти Барноро мешунавад. Обҳои чашмасорон софанд, овози Барно ҳам. Обҳои чашма ба дил завқ, ба тан кувват, ба руҳ ҳаловат мебахшанд, овози Барно ҳам. Наззораи чашмасорон касро аз ғаму ранҷ фориғ намуда, ба олами нишоту сурур ҳидоят мекунад, шунидани суруди Барно ҳам. Оби шифобахши чашмасорон кудуратро аз дил рафъ менамояду навои Барно аз бори хастагӣ. Оби чашмасорон синаи кӯҳро шикофта, аз мағзи санг ҷӯшзанон берун меояд ва ба тани ташналабон мадор бахшида, ҷузъи дарёи азиме гардад, мисли ҳамин овози Барно ҳам аз мағзи дили софу ҳассос ҷӯш зада ба дарёи азими зиндагӣ васл меёбад...

Дар ҳақиқат он ҳама садои марғуб, истеъдоди олӣ ва табъи латифу эҳсосоти баланд, ки соҳибаш Барност, дили ҳар як шунавандаро тасхир карда метавонад. Барно Исҳокова, ба фикри шунавандагони радио, яке аз беҳтарин сарояндаҳои сурудҳои классикист. Вай ҳофизест, ки тамоми эҳсосот ва мақсади бастакор ва шоирро ба шунаванда расонда метавонад.

Барно Исҳоқова дар тарбияи Лола Баракаева, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Раъно Аминова, Қумрӣ Қодирова иштирок дорад. Артисткаи хизматнишондодаи республика Фариза Сайдуллоева низ аз тарбияи ӯ баҳра гирифтааст. Ҳатто артисткаи халқии Узбекистон

Берта Довудова бо ифтихор мегӯяд, ки ӯ аз шогирдони Барност ва дар шашмақомхонӣ аз ӯ бисёр чизҳо омӯхтааст.

Худи Барно латофату назокати сарояндагиро аз устодони машҳури шашмақом Бобоқулака Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, инчунин аз Нериё Аминов, ки номи онҳоро худи ӯ бо эҳтиром ба забон гирифта, устодони худ мешуморад, омӯхтааст.

Сирри ҳунари Барно дар чист? Ба фикри мо, дар дили Барност. Барно соҳиби дили бузург, нарм, нозук, ва басо ҳассосест. Қалби Барно ба ӯ рухсат намедиҳад, ки сурудҳои паст ва пучро сарояд. Ӯ репертуари худро бо эҳтиёти тамом интихоб менамояд. Ин ҳофизи номдор дар ҳангоми сурудан маънӣ ва назокату латофати ҳар як байт, ҳар як ибораю калимаро ба эътибор мегирад. Барно ягон шеърро ғалат нахондааст, ягон калимаро нодуруст талаффуз накардааст. Дуруст ва беғалат хондани шеърҳои классикӣ худ як ҳунар аст. Барно ин ҳунарро аз муаллимони худ, хусусан аз Фазлиддин Шаҳобов, ки ҳофизи хушсавод ва нозуксанҷ аст, ба хубӣ омухтааст. Барно он мазмуну ҳиссиётеро, ки дар оҳанги мусиқӣ ва шеър ҳаст, бисёр нағз мефаҳмад ва хеле хуб ба шунаванда мерасонад. Ӯ дар вақти сурудан худ «об мешавад» ва шунавандаро ҳам «об мекунад».

Барно асосан шашмақомхон аст. Барои сурудани шашмақом ба замми овози хуш матонату дили ҳассос низ бояд дошт. Зеро назокати дилфиребе ва як ҷаҳон рангорангӣ дар вай ниҳон аст. Барои дарки он назокату зебоӣ соҳиби қалби ҳассос будан шарт аст. Инчунин тоқату матонат ҳам аз омилҳои зарурист, зеро дар иҷрои сурудҳои классикӣ бо андак машқ маҳорат пайдо кардан мумкин нест. Сониян, барои сурудани ин гуна сурудҳо ба халқи азизи худ, ба мероси бои мусиқии он меҳру муҳаббати самимӣ доштан зарур аст. Ҳамаи ин фазилатҳо дар Барнои мо мавҷуданд. Устодони Барно сурудани беҳтарин ва мушкилтарин навоҳои классикиро ба ӯ

месупоранд ва ӯ супориши онҳоро бо муваффақияти тамом иҷро менамояд.

Артисткаи хизматнишондодаи республика Барно Исҳокова на танҳо дар хондани сурудҳои классикӣ ва халқии тоҷикӣ мумтоз аст, балки ӯ дар  иҷрои таронаҳои тоҷикии замонавӣ ва сурудҳои халқҳои бародарӣ низ моҳир мебошад.

Ҷавоне ҳисси эҳтиром ва муҳаббати худро нисбат ба ин ҳофиз ин тариқа ба қалам додааст:

*Шунидам ин саҳар овози Барно,*
*Ба ҷуш омад дилам аз сози Барно.*
*Вуҷудамро ҳузури тоза бахшид,*
*Суруди фораму дилбози Барно.*
*Навояш мебарад дилро ба як бор,*
*Фидо гардам бад-ин эъҷози Барно!*

Оре, номи худи Барнои мо кайҳо ба сурудҳо даромадааст. Овози хуш ва санъати олии Барноро халқ писандидааст. Ӯ дар ҳақиқат санъатгари халқист.

***Ходими хизматнишондодаи илми республика, доцент* Н. МАЪСУМӢ,**
***номзадҳои илм* А. МАНИЕЗОВ, М. ШУКУРОВ, А. САЙФУЛЛОЕВ, Ю. САЛИМОВ, Н. НЕЪМАТОВ, Ш. ПУЛОДОВА,**
***Ходимони  илмӣ*: У. ПУЛОДОВ,**
**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ, Н. ҚУЛМАТОВ.**

Тоҷикистони советӣ, 1966, 10 июль, саҳ. 3.

САНЪАТКОРОНИ МО

# СУРУДИ ДИЛИ БАРНО

Тоҷикистон ҳоло бисьёр ҳофизони хушовоз дорад, ки номашон на танҳо дар республика, балки берун аз ҳудуди он низ овоза пайдо кардааст. Яке аз инҳо артисткаи хизматнишондодаи республика Барно Исҳоқова мебошад.

Агар овози форами Барно ба гӯш расад, чашмаҳои мусаффои кишвари азиз ба пеши назар меоянд. Кас чашмаҳои Тоҷикистонро бинад, гӯё савти Барноро мешунавад. Обҳои чашмасорон софанд, овози Барно ҳам. Обҳои чашма ба дил завқ, ба тан қуввват, ба рӯҳ ҳаловат мебахшанд, овози Барно ҳам. Наззораи чашмасорон касро аз ғаму ранҷ фориғ намуда, ба олами нишоту сурур ҳидоят мекунад, шунидани суруди Барно ҳам. Оби шифобахши чашмасорон кудуратро аз дил рафъ менамояду навои Барно аз бори хастагӣ. Оби чашмасорон синаи кӯҳро шикофта, аз мағзи санг ҷӯшзанон берун меояд ва ба тани ташналабон мадор бахшида, ҷузъи дарьёи азиме гардад, мисли ҳамин овози Барно ҳам аз мағзи дили софу ҳассос ҷӯш зада ба дарьёи азими зиндагӣ васл меёбад...

Дар ҳақиқат он ҳама садои марғуб, истеъдоди олӣ ва табъи латифу эҳсосоти баланд, ки соҳибаш Барност, дили ҳар як шунавандаро тасхир карда метавонад. Барно Исҳоқова, ба фикри шунавандагони радио, яке аз беҳтарин сарояндаҳои сурудҳои классикист. Вай ҳофизест, ки тамоми эҳсосот ва мақсади бастакор ва шоирро ба шунаванда расонда метавонад.

Барно Исҳоқова дар тарбияи Лола Баракаева, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Раъно Аминова, Қумрӣ Қодирова иштирок дорад. Артисткаи хизматнишондодаи республика Фариза Сайдуллоева низ аз тарбияи ӯ баҳра гирифтааст. Ҳатто артисткаи халқии Ӯзбекистон Берта Довудова бо ифтихор мегӯяд, ки ӯ аз шогирдони Барност ва дар шашмақомхонӣ аз ӯ бисьёр чизҳо омӯхтааст.

Худи Барно латофату назокати сароядагиро аз устодони машҳури шашмақом Бобоқулака Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, инчунин аз Нериё Аминов, ки номи онҳоро худи ӯ бо эҳтиром ба забон гирифта, устодони худ мешуморад, омӯхтааст.

Сирри ҳунари Барно дар чист? Ба фикри мо, дар дили Барност. Барно соҳиби дили бузург, нарм, нозук ва басо ҳассосест. Қалби Барно ба ӯ рухсат намедиҳад, ки сурудҳои паст ва пучро сарояд. Ӯ репертуари худро бо эҳтиёти тамом интихоб менамояд. Ин ҳофизи номдор дар ҳангоми сурудан маънӣ ва назокату латофати ҳар як байт, ҳар як ибораю калимаро ба эътибор мегирад. Барно ягон шеърро ғалат нахондааст, ягон калимаро нодуруст талаффуз накардааст. Дуруст ва беғалат хондани шеърҳои классикӣ худ як ҳунар аст. Барно ин ҳунарро аз муаллимони худ, хусусан аз Фазлиддин Шаҳобов, ки ҳофизи хушсавод ва нозуксанҷ аст, ба хубӣ омӯхтааст. Барно он мазмуну ҳиссиётеро, ки дар оҳанги мусиқӣ ва шеър ҳаст, бисьёр нағз мефаҳмад ва хеле хуб ба шунаванда мерасонад. Ӯ дар вақти сурудан худ «об мешавад» ва шунавандаро ҳам «об мекунад».

Барно асосан шашмақомхон аст. Барои сурудани шашмақом ба замми овози хуш матонату дили ҳассос низ бояд дошт. Зеро назокати дилфиребе ва як ҷаҳон рангорангӣ дар вай ниҳон аст. Барои дарки он назокату зебоӣ соҳиби қалби ҳассос будан шарт аст. Инчунин тоқату матонат ҳам аз омилҳои заруриист, зеро дар иҷрои сурудҳои классикӣ бо андак машқ маҳорат пайдо кардан мумкин нест. Сониян, барои сурудани ин гуна сурудҳо ба халқи азизи худ, ба мероси бои мусиқии он меҳру муҳаббати самимӣ доштан зарур аст. Ҳамаи ин фазилатҳо дар Барнои мо мавҷуданд. Устодони Барно сурудани беҳтарин ва мушкилтарин ҳавоҳои классикиро ба ӯ месупоранд ва ӯ супориши онҳоро бо муваффақияти тамом иҷро менамояд.

Артисткаи хизматнишондодаи республика Барно Исҳоқова на танҳо дар хондани сурудҳои классикӣ ва халқии тоҷикӣ мумтоз аст, балки ӯ дар иҷрои таронаҳои тоҷикии замонавӣ ва сурудҳои халқҳои бародарӣ низ моҳир мебошад.

Ҷавоне ҳисси эҳтиром ва муҳаббати худро нисбат ба ин ҳофиз ин тариқа ба қалам додааст;

**Шунидам ин саҳар овози**
**Барно,**
**Ба ҷӯш омад дилам аз сози**
**Барно.**
**Вуҷудамро ҳузури тоза**
**бахшид,**
**Суруди фораму дилбози**
**Барно.**
**Навояш мебарад дилро ба як**
**бор,**
**Фидо гардам бад-ин эъҷози**
**Барно!**

Оре, номи худи Барнои мо кайҳо ба сурудҳо даромадааст. Овози хуш ва санъати олии Барноро халқ писандидааст. Ӯ дар ҳақиқат санъатвари халқист.

**Ходими хизматнишондодаи илми республика, доцент Н. МАЪСУМӢ,**
**номзадҳои илм А. МАНИЁЗОВ, М. ШУКУРОВ, А. САЙФУЛЛОЕВ, Ю. САЛИМОВ, Н. НЕЪМАТОВ, Ш. ПӮЛОДОВА,**
**ходимони илмӣ: Ӯ. ПӮЛОДОВ, МУСУЛМОНҚУЛОВ, Н. ҚУЛМАТОВ.**

ТОҶИКИСТОНИ СОВЕТӢ

10 июли соли 1966, Саҳ. 3.